# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ МАЪРИФАТӢ БА МУНОСИБАТИ 1050-СОЛАГИИ РОБИЯИ БАЛХӢ

21 майи соли 2026 дар толори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо ташаббуси шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо муассисаи мазкур маҳфили маърифатӣ бахшида ба 1050-солагии Робияи Балхӣ баргузор гардид. Маҳфили мазкур ба гиромидошти хотираи Робияи Балхӣ - яке аз нахустин бонувони суханвари Шарқ, намояндаи барҷастаи адабиёти форсу тоҷик ва рамзи ҷасорату озодандешии зани тоҷик бахшида шуда, дар фазои фарҳангӣ, маърифатӣ ва ифтихори миллӣ ҷараён гирифт. Дар оғози чорабинӣ директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 Саидзода Саида суханронӣ намуда, иброз дошт, ки таҷлил аз шахсиятҳои бузурги таърихиву адабӣ барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва арҷгузорӣ ба мақоми зан дар ҷомеа аҳамияти муҳим дорад. Сипас, Салоҳуддин Амонӣ, мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, дар мавзуи «Робияи Балхӣ – рамзи ифтихори миллӣ» маъруза намуд. Зимни баромад таъкид гардид, ки Робияи Балхӣ на танҳо ҳамчун шоираи соҳибистеъдод, балки ҳамчун чеҳраи равшани таърихӣ ва намунаи матонату озодандешӣ дар хотираи фарҳангии миллати тоҷик ҷойгоҳи шоиста дорад. Ҳамчунин, Файзуллоева Иноят, ходими пешбари илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, дар мавзуи «Инъикоси ҷасорату матонати занони тоҷику форс дар симои Робияи Балхӣ» суханронӣ намуда, нақши ин бонуи суханварро дар таҳкими мақоми зан, рушди адабиёт ва парвариши ҳисси зебоипарастиву маърифатдӯстии насли ҷавон муҳим арзёбӣ кард. Дар идомаи маҳфил қисмати бадеӣ баргузор гардида, хонандагон бо қироати шеърҳо, саҳначаҳои адабӣ ва барномаҳои фарҳангӣ симои маънавии Робияи Балхиро бозтоб намуданд. Дар ҷамъбаст таъкид гардид, ки баргузории чунин чорабиниҳо барои баланд бардоштани маърифати адабӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, эҳёи хотираи таърихӣ ва шинохти амиқи мероси гаронбаҳои ниёгон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Маҳфил дар фазои гарму самимӣ, маърифатпарварона ва саршор аз эҳтиром ба фарҳангу адабиёти миллӣ ҷамъбаст гардид.












Робияи Балхӣ
Хубони порсигӯ!




ИФТИХОРНОМА



